**Тақризи**

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Таҳқиқу баррасии осори гаронарзиши ниёгони мо дар шароити муосир василаи муҳиме дар мустаҳкам намудани худшиносиву худогоҳии миллӣ ва гиромӣ доштани арзишҳои умумибашарии эҷоднамудаи онҳо мебошад. Имрӯз, дар назди ҳар як муҳаққиқ ва ходимони илму маориф вазифаи муҳиму асосие истодааст, ки моҳияти он аз омӯзиш, таҳқиқ ба бознигарии оқилонаи мероси гузаштагон иборат аст. Афкори фалсафиву ахлоқӣ ва эстетикиву иҷтимоӣ дар фарҳанги оламшумули миллати тоҷик метавонад баҳри шинохти моҳияти инсон, раванди ташаккули шахсият ва муносибатҳои иҷтимоӣ хизмати шоён намояд. Вазифаи муҳаққиқи имрӯз аз он иборат аст, ки бояд беҳтарин арзишҳо ва ҷиҳатҳои пешқадами афкори офаридаи мутафаккиронро ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи инсони навин аз унсурҳои кӯҳнашуда озод намояд ва ба талаботи нави зиндагӣ мутобиқ созад.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки “Зарурати омӯзиши илмии мавзӯи мазкур дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар замони соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи худ рӯй оварда, раванди бедоршавии худшиносии миллиро собит месозанд” (с.4).

Мусаллам аст, ки осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҳанӯз аз асри XII таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷиро ҷалб карда буд. Дар ин давра, асарҳои гаронарзиши донишмандони тоҷик ба забонҳои ғайр, аз ҷумла ба забони лотинӣ оғоз шуда, то ба ҳол ба аксар забонҳои олам тарҷума, интишор ва дастраси мардум гардидаанд ва ин раванд идома дорад. Афкори фалсафии намояндагони ҷараёнҳои фалсафии тоҷику форс ба воситаи тарҷумаҳо ба мардумони мухталиф, хусусан ғарбиён сахт таъсир расонида, дар ташаккулу такомул ва рушду нумуи бисёр ҷараёнҳои фалсафии ғарбӣ муассир будаанд. Албатта, ин осор арзиши баланди илмӣ доштанд, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд ва агар “тарҷумаи осори юнониён ва андешаву афкори динӣ” мебуданд, ҳаргиз қобили пазириш намегардиданд.

Диссертант ба маврид қайд менамояд, ки “Дарёфти мафкура ва илму эҷоди волою таҳаммулпазири мутфаккирони асримиёнагии тоҷик ва ҷараёнҳои фалсафии асримиёнагии ориёитабор аз назари муҳаққиқони

аврупоӣ ба раванди худшиносии миллии тоҷик манфиатовар хоҳад буд”. Бале, дарёфти назари муҳаққиқони хориҷӣ доир ба фалсафаву фарҳанги миллати тоҷик имкон медиҳад, ки дар арсаи байналмиллалӣ ин миллат хубтар муаррифӣ гардад, ҳамчунин, насли нави ҷомеаи тоҷик ба дастовардҳои илмиву фарҳангии миллати худ таваҷҷуҳи зиёдтар равона намоянд. Андешаи дигари диссертант низ қобили дастгирӣ аст, ки мефармояд: “Омӯзишу таҳлили осори мутафаккирони тоҷику форс аз ҷониби аврупоиён мақоми мутафаккирон ва қавму миллатҳоро дар хориҷи кишвар нишон дода, имкон фароҳам меоварад, ки дарки амиқи таълимоти мутафаккирон дастрас гардида, дақиқӣ, дурустию иштибоҳ ё таҳрифкории баъзе муҳаққиқон доир ба таълимоти гузаштагони мо ва ҷараёнҳои фалсафӣ ошкор карда шавад”.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки диссертант мавзӯи дорои аҳамияти илмиро барои ҷомеаи муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода, муҳимияти онро ба таври возеҳ баён намудааст.

Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ низ муҳаққиқ аз таҳқиқоти зиёд истифода намуда, муайян кардааст, ки доираи шинохти фалсафаи Шарқ, аз ҷумла фалсафаи асримиёнагии тоҷик хеле васеъ аст ва олимони зиёде ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Яъне, дар баробари муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқони хориҷӣ низ мароқ зоҳир намудаанд, ки гувоҳ аз арзиши баланди илмии фарҳанги тоҷик аст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо объект, предмет, навгониҳо ва ҷанбаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқ ҳастанд.

Мавзӯи мавриди таҳқиқи Иброҳимов Ф.М. аз муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бандубасти он ба талаботи муқарраргардида доир ба диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **“Таҳқиқоти Анри Корбен дар бораи машшоияи шарқӣ”** номгузорӣ шудааст, диссертант назару андешаҳои А.Корбенро оид ба афкори баъзе мутафаккирони машшоияи шарқӣ, асосан, Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абулҳасани Омирӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ ва дигарон, дар се зербоб мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби аввал “**Тавсифи машшоия дар пажуҳиши Анри Корбен**” мавриди баррасии диссертант қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин бахш, дар баробари баъзе намояндагони фалсафаи машшоия аз Муҳаммади Ғаззолӣ низ ҳамчун намояндаи фалсафаи машшоия ном мебарад. Албатта, А.Корбен Ғаззолиро дар асари худ “Таърихи фалсафаи исломӣ” дар қатори мутафаккирони машшоӣ ҷой

додааст ва шояд унвонҷӯй ба ҳамин хотир мутафаккирро дар қатори машшоиён мавриди баррасӣ қарор дода бошад. Дар ин бахш маълумоти зиёд доир ба назари Анри Корбен дар хусуси фалсафаи машшоия ва тафовути андешаҳои ӯ аз назароти муҳаққиқони дигар оварда шудааст, ки ҷолиб мебошанд. Ҳамчунин, дар ин бахш доир ба Абулҳасани Омирӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар пайвандсозии фалсафаи Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино ибрози андеша менамояд, ки дар шинохти ин мутфаккир таъсири мусбат хоҳад расонд.

**"Фалсафаи Абӯнасри Форобӣ аз диди Анри Корбен"** дар зербоби дуюми боби якум мавриди пажуҳиши диссертант қарор гирифтааст. Аз муҳтавои бахши мазкур бармеояд, ки А.Корбен Форобиро ҳам намояндаи мактаби машшоияи шарқӣ ва ҳам намояндаи ҳикмати ирфонӣ муаррифӣ кардааст. Илова бар ин, А.Корбен Форобиро намояндаи мазҳаби шиъа қаламдод менамояд. Маҳз дар ҳамин қисмат, назари танқидии диссертант эҳсос мешавад, яъне ӯ тавонистааст, ки андешаи Анри Корбенро доир ба аҳли тасаввуф ва пайрави мазҳаби шиъа будани Форобӣ инкор намуда, бо далелҳои муътамад фикри худро исбот намояд.

Дар зербоби сеюми боби якум, ки **"Ташреҳи Анри Корбен ба фалсафаи ирфонии Ибни Сино"** номгузорӣ шудааст, диссертант назари А.Корбенро доир ба рисолаҳои тамсилии Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тибқи назари диссертант, Анри Корбен дар ин маврид низ ба иштибоҳ роҳ дода, фалсафаи мутафаккирро ирофнӣ мешуморад, ки қобили пазириш нест. Диссертант таъкид менамояд, ки А.Корбен қариб тамоми осори фалсафии Ибни Синоро сарфи назар намуда, бо назардошти се рисолаи ҳаҷман хурди мутафаккир - "Ҳай ибни Яқзон", "Рисолат-ат-тайр" ва "Саломон ва Абсол" самти асосии фалсафаи ин мутафаккирро ирфонӣ қаламдод менамояд. Диссертант андешаи мазкурро бо далелҳои муътамад инкор карда, зикр менамояд, ки "гарчанде дар рисолаҳои Ибни Сино рамзу маҷоз истифода шуда бошанд ҳам, вале он тасаввуфе, ки А.Корбен дар Ибни Сино меҷӯяд, камтар ба мушоҳида мерасад" (с.57-58).

Дар боби дуюми диссертатсия **"Ҷараёнҳои фалсафию динӣ дар таҳқиқоти Анри Корбен"** мариди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин боб, ки фарогири чор зербоб аст, моҳияти фалсафаи калом, тасаввуф, фалсафаи исмоилия ва фалсафаи ишроқияи Суҳравардӣ аз нигоҳи Анри Корбен аз ҷониби диссертант таҳқиқ шудааст.

Зербоби якуми боби дуюмро **"Моҳияти фалсафаи калом аз нигоҳи Анри Корбен"** ташкил менамояд, ки дар он марҳилаҳои рушди фалсафаи калом ва масоили марказии он, аз қабили тавҳид, адл, амр ба маъруф ва ғайра

дар таҳқиқоти олими фаронсавӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант андешаи Анри Корбенро доир ба муқаддамтар будани муътазилия аз калом мувофиқ бо таҳқиқоти дигар дониста, иброз медорад, ки муҳаққиқи фаронсавӣ моҳияти ин таълимотро дуруст ва пайвастагии таълимоти онҳоро ҳам ба ислом, ҳам ба таълимоти динии Эрони Бостон ва яҳудия мувфоиқи мақсад муайян намудааст. (с.77-78). Саҳми диссертант дар ин маврид он аст, ки назари А.Корбенро бо андешаи муҳаққиқони дигар қиёс намуда, хулосаи худро пешниҳод намояд. Тибқи назари диссертант, “Ашъарӣ ба арзиши мутлақи ақл қоил нест ва бо вуҷуди он ӯ аз далелҳои ақлӣ-мантиқӣ комилан даст накашида, ҳангоми баррасии масъалаҳо, на танҳо аз Қуръон ва ҳадис, балки зимни баррасии онҳо аз далели ақлонӣ низ истифода кардааст” (с.83). Тибқи хулосаи диссертант, ҷараёни муътазила нисбат ба ашъария бештар ақлгароиро тарғиб мекард. Дар ин қисмат, диссертант бо Анри Корбен мувофиқ ва андешаи ӯро ҷонибдорӣ менамояд.

Диссертант зербоби дуюми боби дуюми диссертатсияи худро ба таҳлили “**Тасаввуф дар таҳқиқоти Анри Корбен**” бахшида, ӯро муҳаққиқи пешқадами ҷараёни тасаввуфи исломӣ ба қалам медиҳад. Зикр менамояд, ки аксари донишманди фаронсавӣ масоили марбут ба тасаввуфро мавриди баррасии илмӣ қарор додаанд ва Анри Корбен низ аз зумраи фаъолони ин муҳаққиқон мебошад. Таҳқиқоти диссертант нишон медиҳад, ки Анри Корбен танҳо хусусияти динӣ доштани тасаввуфро ҷонибдор нест ва хусусияти илмӣ-фалсафӣ доштани онро низ муътақид аст. Маълум мегардад, ки гарчанде ҳикмати ирфонӣ заминаҳои динӣ дошта бошад ҳам, вале вай тобеи мутлақи шариат нест, балки ба ақл такя дошта, як навъ тарғиби ақлгароӣ ва озодандешӣ низ дар он эҳсос мешавад.

“**Анри Корбен ва фалсафаи исмоилия”** дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин бахш тавонистааст, ки назару андешаҳои Анри Корбенро дар муқоиса бо андешаҳои муҳаққиқони дигари фалсафаи исмоилия таҳлил намуда, андешаҳои ӯро баҳогузорӣ намояд. Назари Анри Корбенро доир ба се давраи бузурги таърихи исмоилия: исмоилияи ибтидоӣ, исмоилияи давраи фотимӣ ва исмоилияи ислоҳшуда дар Аламут нишон дода, диссертант қиёси ӯро бо Рене Декарт хеле хуб инъикос намудааст. Дар ин замина, диссертант ақидаи олими фаронсавиро танқид ва андешаи Х.Додихудоевро ҷонибдорӣ менамояд. Хулосаи диссертант доир ба назари Анри Корбен нисбат ба таълимоти исмоилия низ ҷолиб аст.

Дар зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия “**Назари Анри Корбен ба фалсафаи ишроқияи Суҳравардӣ**” мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифтааст. Диссертант саҳми Анри Корбенро дар шинохти фалсафаи ишроқия низ хеле баланд арзёбӣ менамояд. Тибқи назари А.Корбен, ки диссертант низ ба он мувофиқ аст, Суҳравардӣ дар рисолаи “Ҳикмат-ул-ишроқ” кӯшиш намудааст, то ҳадди имкон афкори ҳакимони Форси Қадим ва Юнони Қадимро омезиш дода, дар партави таълимоти онҳо таълимоти ҷадиди худро пешкаш созад. Назари худро унвонҷӯй бар он мустанад месозад, ки таъсири афкори Зартуштро, на танҳо ба ишроқи Суҳравардӣ, балки ба мутафаккирони Юнони Бостон, хусусан ба Афлотун ва пайравонаш низ метавон мушоҳида намуд. Диссертант дар заминаи таҳқиқоти А.Корбен андешаҳои Суҳравардиро бо Ибни Сино қиёс намуда, хулосаҳои ҷолиб баровардааст.

Қисмати хулосаи диссертатсия низ ба таври зарурӣ таҳия шуда, фарогири натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи он мебошад.

Бо вуҷуди ҳама он муваффақиятҳо, ки аз онҳо зикр намудем, диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. аз нуқсон ва норасогиҳо орӣ нест:

1. Диссертатсия ба таҳлили таҳқиқоти Анри Корбен доир ба фалсафаи асримиёнагии тоҷик бахшида шудааст, аммо диссертант оид ба Анри Корбен маълумоти зарурӣ наовардааст. Ба фикри мо, агар диссертант дар қисмати аввали кори диссертатсионии худ доир ба шахсият ва фаъолияти илмиву эҷодии муҳаққиқи франсуз, ки объекти кори ӯ аст, маълумоти мухтасар медод, хубтар мешуд;

2. Қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ хеле васеъ таҳия шудааст, вале доир ба шинохти Анри Корбен ҳамчун муҳаққиқи фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба таври зарурӣ маълумот оварда нашудааст. Хуб мебуд, агар назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба мақом ва ҷойгоҳи Анри Корбен ҳамчун муҳаққиқ, инчунин, баҳогузории муҳаққиқоне, ки аз таҳқиқоти ӯ истифода бурдаанд, ба таври мушаххас оварда мешуд.

3. Диссертант дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия назари Анри Корберо доир ба намояндаи фалсафаи машшоия будани Муҳаммади Ғаззолӣ оварда, то андозае зери таъсири ин муҳаққиқ мондааст. Агар диссертант доир ба андешаи фавқуззикри Анри Корбен назари худро баён мекард, хубтар буд;

4. Қисмати истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомадаи хулоса низ заифтар ва то андозае такрори бахши аҳамияти назариявӣ ва амалии бахши муқаддима мебошад;

5. Дар диссертатсия иштибоҳоти грамматикию мантиқӣ ва техникӣ низ ба назар мерасад.

Албатта, эродҳои баёнгардида характери фундаменталӣ надошта, ба арзиши илмии диссертатсия халали ҷиддӣ ворид намесозанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ ифода карда метавонанд.

Диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. «**Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен**», аз ҷиҳати сохтор, иҷроиши мақсаду вазифаҳои гузошташуда ва хулосаҳои муаллиф кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа ҷавобгӯ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**

Мудири кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ,
номзади илмҳои фалсафа Амирхон Ш. Т.
Тел: 933132020
email: amirkhonov81@mail.ru

Имзои мудири кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ,
номзади илмҳои фалсафа Амирхон Ш.Т.ро
**тасдиқ мекунам**:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.